Бо қарори ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон
аз 3 майи соли 2014, № 301 тасдиқ шудааст

# Нақшаи чорабиниҳо
# оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

| № | Номгӯи чорабинӣ | Мақсади чорабинӣ | Мӯҳлати иҷро | Мақомоти масъул | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| Раводид, иҷозатҳо, иҷозатномадиҳӣ ва бақайдгирии туристон | | | | | |
| 1. | Харид ва насб намудани таҷҳизот ва барномаи махсуси компютерии муттаҳида ба Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, ки ҳангоми вуруд ва хуруҷи туристон тавассути фурудгоҳҳо ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадии заминӣ онҳоро ба қайд гирифта, ба таври автоматӣ ба ҳамаи сохторҳои дахлдори давлатӣ, аз ҷумла Хадамоти шиносномавию бақайдгирии Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ (қисмати муҳоҷират) ва Агентии омор маълумотро паҳн мекунад. Ин пойгоҳ бояд ҳамчун маркази ягонаи иттилоотӣ | Содда ва шаффоф намудани ҷараёни вуруд ва хуруҷи шаҳрвандони хориҷӣ, аз ҷумла туристон. Аз байн бурдани бақайдгирии туристоне, ки тавассути низомҳои бе раводид ва бо раводид ба ҷумҳурӣ ворид гардида, дар Хадамоти шиносномавию бақайдгирии Вазорати корҳои дохилӣ ба қайд гирифта мешаванд. а) Тақвият бахшидан ба амнияти миллӣ ва сарҳадот, пешгирии терроризм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар амалҳои номатлуби трансмиллӣ. б) Самаранок намудани фаъолияти нуқтаҳои гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ, таъмини бештари амният ва | Солҳои 2015- 2016 | Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати нақлиёт, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Агентии омор, фурудгоҳҳои байналмила-лии ҷумҳурӣ, ШСХК "Барқи Тоҷик", | Низоми тавсияшуда туристонро ҳангоми вуруд ва хуруҷ ба қайд гирифта, ба сохторҳои марбута иттилоъ медиҳад. Ин низом дар "Модели рушди бахши туризм дар Тоҷикистон: таҳлил ва тавсияҳо" аз тарафи гурӯҳи корӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши туризм якҷоя бо бахши хусусӣ ва шарикони рушд ҷиҳати иҷрои қарори протоколии ҷаласаи 10-уми Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | барои ҳамаи сохторҳои қудратӣ ва амниятӣ хизмат намояд. | назорати сарҳадӣ. | | шарикони рушд | пешниҳод шудааст. Мутобиқи таҳлилҳои ин ҳуҷҷат аз ҷониби Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Раёсати консулии Вазорати корҳои хориҷӣ ва шӯъбаҳои он, Хадамоти шиносномавию бақайдгирии Вазорати корҳои дохилӣ ҷиҳати беҳтар намудани хизматрасонӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ, аз ҷумла туристон корҳои назаррас анҷом дода шудаанд, вале идомаи ислоҳот зарур аст. Барои мисол, тибқи низоми амалкунанда агар турист тавассути хатсайри ҳавоӣ ворид шаваду тариқи роҳи заминӣ баргардад, нисбати ӯ пайдо намудани маълумот мушкил мешавад. |
| 2. | а) Ба роҳ мондани низоми электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳои туристон барои дастрас намудани раводиди туристӣ аз ҷониби ширкатҳои туристӣ ва туристони хориҷӣ дар Раёсати консулии Вазорати | а) Соддатар, шаффоф ва осон намудани раванди дастрасӣ ба раводид барои туристони хориҷӣ.<br>б) Беҳтар намудани хизматрасонӣ ба ширкатҳои туристӣ ҷиҳати дастрас | Солҳои 2014-2015 | Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати молия, Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии | а) Аз тарафи Раёсати консулии Вазорати корҳои хориҷӣ ҷиҳати соддатар намудани дастрасии раводид, махсусан барои туристон корҳои назаррас анҷом |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | корҳои хориҷӣ ва консулгариҳои кишвар дар хориҷа.<br>б) Кушодани равзанаи алоҳида дар Раёсати консулии Вазорати корҳои хориҷӣ барои хизматрасонии ширкатҳои туристӣ.<br>в) Пешниҳоди ҳатмии раводиди навъи "туристӣ" ба дархостҳои шаҳрвандони хориҷӣ, ки азм доранд ҳамчун турист ба Тоҷикистон сафар намоянд. | намудани раводидҳои вурудӣ ва хуруҷии гурӯҳи туристон.<br>в) Аз байн бурдани мушкилоти туристон бо мақомоти назоратӣ ҳангоми хуруҷи ҷумҳурӣ, ки ба ивази раводиди туристӣ бо дигар навъи раводид, аз ҷумла раводиди "шахсӣ" таъмин шудаанд. | Нимсолаи якуми соли 2014 | Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Агентии омор, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, бахши хусусӣ, шарикони рушд | дода шудаанд, аммо гузариш ба низоми электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, ки айни замон аз тарафи мамлакатҳои пешрафтаи туристӣ истифода бурда мешавад, қадами устувор ба самти ислоҳоти соҳа буда, дастрасии раводидро осону шаффоф мегардонад ва ба воридшавии бештари туристон мусоидат мекунад.<br>б) Ширкатҳои туристӣ ба хизматрасонии гурӯҳии туристон низ машғул шуда, вақти зиёди худро дар навбатҳо барои расмиёти ҳуҷҷатгузорӣ ҷиҳати дастрас намудани раводид ва бақайдгирии онҳо мегузаронанд. Бинобар ин, кушодани равзанаи алоҳида кори ширкатҳои туристиро фаъолу самаранок менамояд.<br>в) Таҷриба нишон медиҳад, ки баъзе аз консулгариҳои Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ва фурудгоҳҳои |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | байналмилалии ҷумҳурӣ бар ивази раводиди навъи “туристӣ” ба туристон раводиди навъи “шахсӣ”-ро пешниҳод мекунанд, ки маблағи он аз маблағи раводиди навъи “туристӣ” зиёд аст. Аз ин рӯ, бо мақсади рӯ ба рӯ нашудани туристон ҳангоми убури сарҳади Тоҷикистон пешниҳоди ҳатмии раводиди навъи “туристӣ” ба туристон зарур дониста мешавад. |
| 3. | Таҳия, нашр ва паҳн намудани роҳнамои мувофиқашуда оид ба раводид, бақайдгирӣ ва дастрас намудани иҷозат ба минтақаҳои наздисарҳадӣ ва махсус барои шаҳрвандони хориҷие, ки хоҳиши ба Тоҷикистон сафар намуданро доранд.<br>Ин роҳнамо бояд:<br>а) маълумоти шаффофу саҳеҳро оид ба раводид, бақайдгирӣ ва дастрас намудани иҷозат ба минтақаҳои наздисарҳадӣ ва махсус фарогир бошад;<br>б) аз тарафи ҳамаи сомонаҳои ҳукуматӣ ва идораҳои консулӣ дар дохил ва хориҷи кишвар | Таъмини маълумоти шаффоф, расмӣ ва ягона оид ба дастрас намудани раводид, бақайдгирӣ ва дигар шароитҳои будубоши туристон дар ҷумҳурӣ. | Солҳои 2014-2015 | Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, бахши хусусӣ, | Маълумотро тавассути сомонаҳои интернетии расмӣ, сомонаҳои ҳукуматӣ ва сомонаҳои ширкатҳои туристӣ дастрас намудан мумкин аст. Вале маълумоти мавҷуда пурра нест ва ба ҳамдигар мувофиқат намекунад, ки метавонад хоҳиши туристонро барои сафар намудан ба ҷумҳурӣ коста гардонад. Фарқияти маълумот дар сомонаҳо метавонад ҳангоми тарҷумаи ҳуҷҷатҳо низ ба амал ояд ва назорат |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | истифода шавад;<br>в) ба ширкатҳои туристии ватанӣ ва хориҷӣ муаррифӣ карда шавад;<br>г) дар биноҳои марбутаи ҳукуматӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, фурудгоҳҳо ва дигар гузаргоҳҳои заминӣ овехта шавад;<br>д) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ пешниҳод карда шавад;<br>е) ба иттилои ҳамаи кормандони масъул ҳамчун роҳнамои ягона дар ин самт муаррифӣ карда шавад.<br>Ин маълумот бояд дар шакли як бастаи хизматрасониҳо пешниҳод карда шавад. | | | шарикони рушд | намудани мӯҳтавои сомонаҳои шахсӣ ё маълумоти пешниҳоднамудаи давлатҳои хориҷӣ аз имкон берун аст.<br>Аз ин рӯ, таҳия, нашр ва паҳн намудани роҳнамои ягона ба манфиати кор аст. |
| 4. | Гузаронидани пурсишҳои мунтазам барои фаҳмидани назари туристон дар фурудгоҳҳои байналмилалии ҷумҳурӣ, минтақаҳои туристии Тоҷикистон ва намоишгоҳҳои байналмилалие, ки дар онҳо Тоҷикистон ширкат мекунад. | Ба даст овардани таклифу пешниҳоди туристон, муайян ва бартараф намудани монеаҳои асосие, ки садди роҳи ташрифи туристон аз мамлакатҳои мухталиф ба Тоҷикистон мешаванд. Ин тадбир ба ташрифи бештари туристон ба ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад кард. | Соли 2014 ва мунтазам, ҳарсола | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати нақлиёт, Палатаи савдо ва саноат, бахши хусусӣ, ширкатҳои ҳавопаймоӣ, фурудгоҳҳои байналмилалии ҷумҳурӣ, | Гузаронидани пурсишҳо бо туристон дар бозори хизматрасониҳои туристӣ барои гирифтани иттилоот оид ба ақидаҳо, нуқтаи назар ва маълумоти гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ нисбати Тоҷикистон ҳамчун мавзеи истироҳат ва мамлакати туристӣ хизмат мекунад. Ин метавонад ба ташаккули фаъолияти ибтидоии |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | шарикони рушд | тарғиботӣ мусоидат намояд. Гузаронидани пурсишҳо дар шаҳрҳои Франкфурт ва Дубай барои он зарур аст, ки Тоҷикистон бо онҳо хатсайрҳои бевоситаи ҳавоӣ роҳандозӣ намудааст ва Франкфурт яке аз шаҳрҳои маркази Аврупои Ғарбӣ ва Дубай бошад шаҳри маркази мамлакатҳои араб маҳсуб меёбанд. Ин ҳамчун тадқиқоти «зинда»-и бозор арзёбӣ мегардад. Барои гирифтани маълумоти васеътар ба ҳуҷҷати таҳлилии «Модели рушди бахши сайёҳӣ дар Тоҷикистон: таҳлил ва тавсияҳо» нигаред. |
| 5. | Мунтазам таҷдиди назар намудани низомҳои гуногуни раводид, иҷозатномадиҳӣ, иҷозатҳо, бақайдгирӣ ва бартараф намудани ҳама монеаҳои рушди туризм. Ба таври шаффофу асоснок, нархҳои мусоид ва тариқи онлайн паҳн кардани қоидаҳову расмиёти гирифтани раводид, бақайдгирӣ, иҷозатномадиҳӣ ва иҷозатҳои | Муайян ва бартараф намудани монеаҳое, ки ҳангоми дастрас намудани раводид, иҷозат, иҷозатномаҳо ва бақайдгирӣ ба миён меоянд. Содда ва шаффоф гардонидани хуруҷи раводиди Тоҷикистон. | Соли 2014 ва мунтазам, ҳамасола | Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, бахши хусусӣ, шарикони рушд | Вобаста ба таҷдиди назар намудани расмиёти дар ҳуҷҷати таҳлилии "Модели рушди бахши туризм дар Тоҷикистон" зикргардида тавсияҳои мушаххас пешниҳод шудааст. Давлатҳое, ки барои рушди туризм ҳавасмандии махсус зоҳир менамоянд, барои |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | зарурӣ. | | | | бартараф намудани монеаҳо ва ё то ҳадди ақал кам намудани онҳо мувофиқи талаботи танзими дастрасӣ ба мамлакат кӯшиш ба харҷ медиҳанд. |
| 6. | Аз ҷониби бахши туристӣ ва намояндагиҳои дипломатӣ дар мамлакат ва хориҷи кишвар ташвиқу тарғиб намудани пешбурди сиёсати “Дарҳои кушод”, инчунин низоми бераводид ва ё низоми соддаи раводид бо давлатҳои ҳамсояи узви ИДМ бо назардошти амнияти миллӣ. | Ҷалб намудани туристоне, ки ба бозорҳои туристии давлатҳои ҳамсояи собиқ Шӯравӣ ташриф меоранд. | Соли 2014 ва мунтазам, ҳарсола то соли 2020 | Вазорати корҳои хориҷӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, бахши хусусӣ | Тоҷикистон мавқеи хуби ҷуғрофиро дар қалби Осиё Марказӣ соҳиб мебошад, ки ба ҷалби туристон на фақат ба худи мамлакат, балки ба саёҳати якбора ба якчанд мамлакатҳои Аврупо, Осиёи Марказиву Ҷанубӣ ва минтақаи Уқёнуси Ором мусоидат менамояд. Инчунин ба бозорҳои мамлакатҳои ҳамсояи узви ИДМ ва иқтисодиёти зудрушдкунандаи Хитой дастрасии осони заминӣ мавҷуд аст. |
| 7. | Баррасӣ ва пешниҳоди таклифҳои мушаххас оид ба масъалаи иҷозати вуруд ба минтақаҳои наздисарҳадӣ ва махсус. | Осон ва шаффоф намудани вуруди туристон ба минтақаҳои туристии ҷумҳурӣ ва ба ин васила мусоидат намудан ба рушди туризм бо дарназардошти амнияти миллӣ.<br>Осонтар ва соддатар намудани дастрасӣ ба иҷозатҳо барои минтақаҳои наздисарҳадӣ | Солҳои 2014-2015 | Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ, Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии | Айни замон ҷараёни дастрас намудани иҷозатҳои вуруд ба минтақаҳои наздисарҳадӣ ва махсус мураккаб буда, шаффофияти он нокифоя аст. Туристон барои гирифтани иҷозати вуруд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | ва махсус. | | амнияти миллӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Кумитаи ҳифзи муҳити зист, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | ба ин минтақаҳо вақти зиёд сарф мекунанд. Тибқи мушоҳидаҳо дар баъзе ҳолатҳо гирифтани иҷозатҳои алоҳида барои вуруд ба минтақаҳои наздисарҳадӣ ва махсус туристонро аз сафар ба ҷумҳурӣ бозмедорад. |
| 8. | Андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати бунёди инфрасохтори зарурии туристӣ барои эълон намудани ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, водии Рашт ва водии Ҳисор ҳамчун минтақаҳои туристии байналмилалӣ. | Вусъати рушди туризм дар минтақаҳои зикргардида ва дар маҷмӯъ дар ҷумҳурӣ | Солҳои 2015-2017 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, ноҳияҳои водии Рашт, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, бахши хусусӣ ва шарикони рушд | Айни замон ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, водии Рашт ва водии Ҳисор минтақаҳои асосӣ ва муҳими туристӣ дар ҷумҳурӣ ба шумор меравaнд. Аксари туристон аз шӯҳрати кӯҳҳои сарбафалак, қуллаҳои баланд ва дигар мавзеъҳои нотакрори он огоҳанд ва хоҳиши тамошои ин мавзеъҳоро доранд. Аз ин рӯ, эълон намудани ин минтақаҳои маъмурӣ ҳамчун минтақаҳои туристӣ барои рушди бахши туристии ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ мусоидати ҷиддӣ хоҳад намуд. |
| 9. | а) Ҷалби соҳибкорони ватанӣ ва сармоягузорони | а) Мусоидат намудан ба рушди босуръати бахши туризм, | Соли 2014 ва | Кумитаи давлатии | а) Меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо ва дигар |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | хориҷӣ барои сохтмони инфрасохтори туристӣ, аз қабили роҳҳо, меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо ва дигар иншоотҳо дар маҳалҳо.<br>Ҳамаҷониба мусоидат намудан ба аҳолии деҳот ҷиҳати ташкили меҳмонхонаҳои хурд дар заминаи манзили истиқоматӣ.<br>б) Ҷорӣ намудани лоиҳаҳои нисбатан камхарҷ дар доираи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва бо ҳамин роҳ ҷалб намудани сармоягузориҳои доираҳои хусусӣ ба рушди бахши туристӣ.<br>в) Батадриҷ васеъ намудани маблағгузории Буҷети давлатӣ барои татбиқи барномаҳои давлатӣ дар бахши туризм.<br>г) Дар буҷети вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҳамасола пешбинӣ намудани маблағҳои зарурӣ ҷиҳати амалӣ намудани нақшаи чорабиниҳои барномаҳои маҳаллии рушди туризм.<br>д) Ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами барномаҳои туристие, ки ба муштариён маҷмӯи хизматрасониҳо, аз ҷумла мусофиркашонӣ, таъмини меҳмонхона, хӯрок ва хатсайрҳои туристиро таъмин | махсусан дар маҳалҳо ва дастгирии ширкатҳои туристие, ки соҳибкории онҳо хусусияти мавсимӣ дорад.<br>б) Истифодаи имкониятҳои механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҷиҳати рушди туризм.<br>в) Баланд бардоштани самараи татбиқи барномаҳои давлатии дастгирии бахши туристӣ.<br>г) То андозаи муайян роҳандозӣ намудани сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ барои рушди туризм.<br>д) Ташкили маҷмӯи хизматрасониҳои туристӣ барои туристон. | мунтазам | сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати нақлиёт, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати молия, Кумитаи андоз, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, бахши хусусӣ, шарикони рушд | иншооти дар хатсайрҳои туристӣ воқеъбуда барои рушди туризм аҳамияти калон доранд. Барои амалигардонии имкониятҳои соҳибкорон фароҳам овардани шароити мусоид зарур аст, то ки соҳибкорон дар мукаммалгардонии инфрасохтори туристӣ саҳми худро гузоранд. Инчунин, маблағгузории махсус бо дарназардошти талаботи бахши туризм, ба роҳ монда шавад. Зеро айни замон вазъи кунунии инфрасохтори туристӣ, хусусан дар маҳалҳо ба талабот пурра ҷавобгӯ намебошад.<br>б) Яке аз роҳҳои асосӣ дар рушди туризм истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ мебошад. Механизми мазкур имконият медиҳад, ки сармояи бахши хусусӣ ба рушди туризм ҷалб карда шавад. Механизми мазкур дар қатори сармоя инчунин технологияи нав, кадрҳои баландихтисос ва |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | менамояд. | | | | менеҷменти муосирро дар бахши туристӣ роҳандозӣ мекунад.<br>в) Дар баробари ҷалби сармояи бахши хусусӣ, маблағгузории Буҷети давлатӣ барои рушди туризм дар марҳилаи кунунӣ аз манфиат холӣ намебошад. Зеро айни замон маблағгузории Буҷети давлатӣ барои рушди ин бахш кофӣ нест.<br>г) Бо мақсади татбиқи барномаҳо ва нақшаи чорабиниҳо, ҷалб ва сафарбар намудани маблағҳои буҷетҳои маҳаллӣ ба самтҳои афзалиятноки бахши туристӣ мувофиқи мақсад дониста мешавад.<br>д) Айни замон аксарияти ширкатҳои туристӣ барои расонидани хизматрасониҳои маҷмӯии туристӣ имконият надоранд. Аз ин рӯ, ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами барномаҳои туристӣ мувофиқи мақсад |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | мебошад. |
| 10. | Дар раванди рушди бахши туристӣ такмил додани низоми иҷозатномадиҳӣ барои ширкатҳои туристӣ дар ин бахш тибқи талаботи меъёрҳои байналмилалӣ. | Осон намудани ҷараёни оғози фаъолияти ширкатҳои туристӣ. | Солҳои 2014-2017 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, шарикони рушд, бахши хусусӣ | Ҷиҳати осон ва шаффоф намудани низоми иҷозатномадиҳӣ дар бахши туристӣ аз ҷониби мақомоти соҳавӣ корҳои муайяне анҷом дода шудааст. Вале идомаи ислоҳот дар ин самт мувофиқи мақсад дониста мешавад. |
| 11. | Стандартикунонии фаъолияти осоишгоҳҳо, меҳмонхонаҳо, пансионатҳо, истироҳатгоҳҳо ва дигар мавзеъҳои туристӣ дар маҳалҳо. | Таъмин намудани меъёрҳои муайяни санитарию беҳдоштӣ ва экологӣ дар мавзеъҳои туристӣ. | Солҳои 2014-2016 ва мунтазам ҳарсола | Агентии Тоҷикстандарт, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, бахши хусусӣ, шарикони рушд | Айни замон аксарияти пансионатҳо, осоишгоҳҳо, истироҳатгоҳҳо ва меҳмонхонаҳо, тарабхонаву ошхонаҳо дар маҳалҳо ба талаботи санитарию беҳдоштӣ пурра ҷавобгӯ нестанд ва дар баъзе ҳолатҳо табъи туристонро хира сохта, хӯрокҳои онҳо меҳмононро бемор мекунанд. |
| 12. | Такмил додани қонунгузории амалкунандаи бахши туристӣ, бо дарназардошти инкишофи ин бахш ва вазъи иқтисодӣ дар мамлакат ва дар сурати зарурат | Тақвият бахшидани заминаи меъёрию ҳуқуқии рушди туризм. | Солҳои 2014-2015 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, дигар вазорату | Дар маҷмӯъ, номукамал будани заминаи меъёрию ҳуқуқии бахши туризм дар Тоҷикистон барои |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи туризм” дар таҳрири нав. | | | идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ, шарикони рушд, | рушди соҳа монеаи ҷиддӣ шуда метавонад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи туризм” соли 1999 қабул гардида, солҳои охир бо дарназардошти рушди соҳа, ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст. Вале ҳамзамон, бо мақсади рушди бемайлони соҳа ва боз ҳам мустаҳкам намудани заминаи меъёрию ҳуқуқии бахши туристӣ, такмил додани қонунгузории соҳа мувофиқи мақсад дониста мешавад. |
| Дастрасӣ, нақлиёт, сарҳадот ва омӯзиши хадамоти хизматрасонии муштариён | | | | | |
| 13. | Таъмини ҷойи муносиб дар фурудгоҳҳои байналмилалии ҷумҳурӣ, гузаргоҳҳои сарҳадии заминӣ ва гузаргоҳҳои наздисарҳадии нақлиётӣ барои ҷойгир намудани маҳсулоти ширкатҳои туристӣ, иттилоот оид ба минтақаҳои туристии ҷумҳурӣ ва дигар маълумоти зарурӣ барои туристон бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ. | Роҳнамоӣ намудани туристон ҳангоми ворид шудан ба Тоҷикистон. Пурзӯр намудани таблиғоти мавзеъҳои туристӣ ва маҳсулоти туристии ҷумҳурӣ дар фурудгоҳҳо ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадии заминӣ. | Соли 2014 ва мунтазам | Вазорати нақлиёт, фурудгоҳҳои байналмилалии ҷумҳурӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ширкатҳои ҳавопаймоӣ, бахши хусусӣ, шарикони рушд | Айни замон дар фурудгоҳҳо ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадии заминӣ ягон маълумот оид ба мавзеъҳои туристии ҷумҳурӣ мавҷуд нест. Туристон ҳангоми ворид шудан ба қаламрави мамлакат намедонанд, ки аз куҷо оид ба минтақаҳои туристии мамлакат маълумот пайдо кунанд. |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Масалан, дар бинои асосии Фурудгоҳи байналмилалии ш. Душанбе чӣ дар толори қабули меҳмонон ва чӣ дар толори гусели онҳо барои туристон ягон иттилоот ё гӯшаи турист мавҷуд нест. Дар бюрои иттилоот бошад, навиштаҷот бо забони англисӣ умуман вуҷуд надорад. |
| 14. | а) Ҷорӣ намудани талаботи ҳатмӣ оид ба донистани забонҳои хориҷӣ барои кормандони мақомоте, ки бо туристон сару кор доранд (фурудгоҳҳо, намояндагиҳои Хадамоти гумрук, Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Хадамоти шиносномавию бақайдгирии Вазорати корҳои дохилӣ, шӯъбаҳои консулӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ (қисмати муҳоҷират) дар фурудгоҳҳо ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадӣ, инчунин роҳбаладон, хадамоти тиббии начотдиҳанда ва ғайра.<br>б) Таъсис намудани комиссияи мустақил оид ба баҳогузории сатҳи тахассусноки кормандони | а) Ба таври васеъ таъмин намудани хизматрасониҳои гуногун ба туристон ва баланд бардоштани сифати онҳо дар ниҳодҳои марбута.<br>б) Ба кор қабул намудани кормандони болаёқат, забондон ва ҷавобгӯи талаботи муосир ба сохторҳои марбута. | Соли 2015 ва мунтазам ҳарсола то соли 2020 | Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати нақлиёт, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ, Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, | а) Аксарияти кормандони ниҳодҳои марбута забонҳои хориҷиро ба дараҷаи кофӣ намедонанд ва бинобар ин мақсади туристонро дуруст дарк карда наметавонанд, ки ин сабаби ба мушкилот рӯ ба рӯ шудани туристон мегардад. Аксаран чунин ҳолат дар маҳалҳо рух медиҳад.<br>б) Фурудгоҳҳо ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадии заминӣ барои меҳмонон таассуроти аввалин ва охиринро нисбати Тоҷикистон боқӣ мегузоранд. Пазироии гарм ва гусели меҳмоннавозонаи |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | сохторҳои хизматрасонии фурудгоҳҳои байналмилалии ҷумҳурӣ. Гузаронидани аттестатсияи кормандони ин сохторҳо ва ба тариқи озмун ба кор қабул намудани кормандони минбаъда аз ҷониби комиссияи мазкур. | | | Хадамоти гумрук, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, фурудгоҳҳои байналмилалии ҷумҳурӣ, бахши хусусӣ, шарикони рушд | туристон омили бисёр муҳими рушди бахши туризм маҳсуб меёбад. Бинобар ин лозим аст, ки ҳамаи кормандони сохторҳои марбута дорои малакаи баланди касбӣ, забондон, хушмуомила буда, моҳияти рушди туризмро дарк намоянд. Аз ин лиҳоз комиссияи мазкур бояд талаботро ба ҳама кормандон фаҳмонда, мӯҳлати аттестатсия ва шартҳои озмунро барои қабул ба кор муайян намояд. |
| 15. | Зиёд намудани хатсайрҳои ҳавоӣ аз кишварҳои Аврупо, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва минтақаи Уқёнуси Ором ба фурудгоҳҳои байналмилалии ҷумҳурӣ ва дар ин замина тақвият бахшидани мавқеи ҷумҳурӣ ҳамчун кишвари транзитӣ. Марҳила ба марҳила густариш додани сиёсати “Осмони кушод” ва мусоидат намудан барои иштироки ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷие, ки бо стандартҳои муосири байналмилалӣ фаъолият мекунанд. | Ҷалби бештари туристон ба Тоҷикистон ва фароҳам овардани имкониятҳои бештари хатсайрҳо тавассути ширкатҳои ҳавоии байналмилалӣ. | Соли 2015 ва мунтазам | Вазорати нақлиёт, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Хадамоти зиддиинҳисорӣ, фурудгоҳи байналмилалии ҷумҳурӣ, ширкатҳои ҳавопаймоӣ, бахши хусусӣ, шарикони рушд | Тавассути зиёд намудани хатсайрҳои ҳавоӣ ба туристон аз манотиқи гуногуни олам интихоби васеъ барои сафар намудан ба Тоҷикистон пайдо мешавад. Мувофиқи ҳуҷҷати “Модели рушди бахши туризм дар Тоҷикистон: таҳлил ва тавсияҳо” таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҷорӣ намудани сиёсати “Осмони кушод” ба иқтисодиёти мамлакат |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | манфиатҳои зиёд меорад. Масалан, дар асоси дархости Ҳукумати Ҷумҳурии Арманистон ширкати машваратии бонуфузи ҷаҳонии “Маккензи энд компани” (McKinsey & Company) тадқиқот гузаронида, муайян намуд, ки истифодаи сиёсати “Осмони кушод” дар Арманистон барои то 1-2% афзудани Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ, ташкили 20 ҳазор ҷойҳои кории нав, махсусан дар бахши туристӣ мусоидат намуда, инчунин ба 20-25% зиёд шудани мусофиркашонӣ, аз 10-50% паст шудани нархи чиптаҳои ҳавопаймоӣ ва дигар манфиатҳои ғайримустақим ба иқтисодиёти Арманистон меорад. Бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон, ки дар қалби Осиё ҷойгир аст, ҷумҳурии мо метавонад ҳамчун кишвари транзитӣ барои туристони кишварҳои Аврупо, Осиёи Ҷанубӣ ва |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | минтақаҳои Укёнуси Ором истифода шавад. Сиёсати “Осмони кушод” дар Тоҷикистон нисбат ба Арманистон манфиати бештар меорад. |
| 16. | Пурра таҷдиди назар намудани сатҳи хизматрасонии фурудгоҳҳои байналмилалии шаҳрҳои ҷумҳурӣ, бо дарназардошти ҷорӣ намудани таҷрибаи байналмилалӣ ва муосири хизматрасонӣ дар фурудгоҳҳо. Барои ноил шудан ба ин иҷрои корҳои зерин лозим аст:<br>а) Ҳар шашмоҳа ташкил намудани курсҳои доимӣ оид ба қоидаҳои хизматрасонӣ ба мусофирон, истифодаи самараноки таҷҳизоти муосири корӣ, масъулиятшиносӣ ва дар маҷмӯъ баланд бардоштани тахассуси касбии кормандони мақомоти дар фурудгоҳҳо ва дигар гузаргоҳҳои заминӣ фаъолияткунанда.<br>Таҳия, қабул ва паҳн намудани Кодекси одоби кормандони фурудгоҳ.<br>б) Пурра нав кардани таҷҳизоти компютерӣ, барномаҳои он ва дигар таҷҳизоти кории мақомоти дар фурудгоҳ фаъолияткунанда. | Ҷорӣ намудани низоми байналмилалии хизматрасонӣ дар фурудгоҳҳои байналмилалии ҷумҳурӣ барои сайёҳон ва дигар мусофирон.<br>Баланд бардоштани тахассуси касбии кормандони сохторҳое, ки дар фурудгоҳҳо хизмат мерасонанд ва баланд бардоштани сифати хизматрасониии онҳо.<br>Сарфа намудани вақти туристон ҷиҳати дастрас намудани раводид дар фурудгоҳ, назорати сарҳадию гумрукӣ, дастрас намудани бағоҷ, хуруҷи онҳо аз фурудгоҳ, самаранок иҷро намудани ӯҳдадориҳои худ аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоӣ дар фурудгоҳ ва роҳнамоӣ намудани туристон ва меҳмонони ҷумҳурӣ.<br>Таъмин намудани шаффофияти фаъолияти кормандони хадамоти фурудгоҳҳо ва гузаргоҳҳои заминӣ<br>Соддагардонии назорат ва | Солҳои 2014-2016 | Вазорати нақлиёт, Вазорати корҳои хориҷӣ, фурудгоҳҳои байналмилалии ҷумҳурӣ, Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Хадамоти гумрук, шарикони рушд | Солҳои охир аз ҷониби роҳбарияти ҶСК “Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе” як қатор чорабиниҳо ҷиҳати беҳтар намудани хизматрасонӣ дар фурудгоҳи мазкур амалӣ карда шуданд. Вале ҳамзамон идома додани ислоҳот дар ин самт зарур ҳисобида мешавад.<br>Аз ин рӯ, таҷдиди назар намудани хизматрасонии фурудгоҳҳои байналмилалии ҷумҳурӣ бояд ҷумлаи чунин чорабиниҳоро дар бар гирад, вале бо ин маҳдуд шудан мумкин нест.<br>Масалан, дар Фурудгоҳи байналмилалии ш. Душанбе аз 6 гузаргоҳи сарҳадӣ танҳо 3-4 адади онҳо кор мекунанд. Инчунин барномаву |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | в) Насб намудани камераҳои назоратӣ ва банаворгирӣ дар ҳамаи нуктаҳои назоратии фурудгоҳҳо.<br>г) Азнавсозӣ ва модернизатсияи системаи барқтаъминкунӣ, системаи рӯшноидиҳии перронӣ ва бо техникаи муосири ба ҳавопаймоҳо хизматрасонанда таъмин намудани фурудгоҳҳои байналмилалии ҷумҳурӣ.<br>ғ) Харид ва насб намудани таҷҳизоти “Homoscan” дар фурудгоҳҳои байналмилалии ҷумҳурӣ.<br>д) Таъмин намудани кормандони мақомоти гумрук дар фурудгоҳҳо бо сагҳои хизматӣ.<br>е) Таҷдиди назар намудани хизматрасониҳои толорҳои VIP/CIP ва баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии онҳо.<br>ё) Ширкатҳои ҳавопаймоӣ бо варақаҳои иттилоотӣ (корти муҳоҷират, варақаи раводид ва ғайра) таъмин карда шуда, вазифадор карда шаванд, ки то фуруд омадани тайёра онро ба мусофирон дастрас намоянд ва мусофирон имконият пайдо кунанд, ки онро дар дохили тайёра пур кунанд. | барамиятдарории гумрукии мусофирон ва аз байн бурдани кофтукови дастии бағоҷҳои мусофирон ҳангоми пайдоиши зарурат. | | | таҷҳизоти компютерии гузаргоҳҳо кӯҳнаю фарсуда буда, ба талаботи муосири рафтуомади мусофирон ҷавобгӯ нестанд. Ин омилҳо боиси ҷамъшавии туристон ва дигар меҳмонони ҷумҳурӣ ва нороҳатии онҳо ҳангоми гузаштан аз назорати сарҳадию гумрукӣ мешаванд.<br>Ин ҳолат на танҳо ба нороҳатии мусофирон ва камсамар шудани фаъолияти ниҳодҳои Фурудгоҳ, инчунин барои нокифоягии маълумот барои амнияти миллӣ ва танзими муҳоҷират оварда мерасонад.<br>Бо дарназардошти нуктаҳои зикргардида, фурудгоҳҳо ба низоми нав ва муосири амалиёт, масалан, бақайдгирӣ ва коркарди бағоҷҳо, низоми нави махзани марказии маълумот, ки ба ҳамаи мақомоти аз ҷониби давлат назораткунанда дастрас бошад, ниёз доранд. Ин низомҳо самаранокӣ, |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ж) Ҷойгир намудани аломатҳои ишоравӣ барои мусофирон ба самтҳои таксӣ, маркази шаҳр ва ғайра.<br>з) Ба роҳ мондани эълони хатсайри парвозҳо ба забони англисӣ. Ташкили интишори маҷаллаи байналмилалӣ байни фурудгоҳҳои ҳамкоридошта.<br>и) Дар фурудгоҳҳои байналмилалии ҷумҳурӣ ташкил намудани 1 адад нуқтаи гузаргоҳи сарҳадӣ барои шаҳрвандони хориҷӣ ва 1 адад барои шахсони дорои шиносномаҳои дипломатӣ.<br>й) Дар саҳни фурудгоҳҳои байналмилалӣ ташкил намудани нуқтаҳои яккелаи фурӯши нӯшокиҳои ташнашикан ва хӯрокҳои тезпази дорои нархномаҳои ягона ва ҷавобгӯ ба талаботи санитарию гигиенӣ.<br>к) Таъмини вуруди бемонеаи нафарони парвозкунанда ва нафарони онҳоро ҳамроҳикунанда ба бинои фурудгоҳ ва толори пешвозгирӣ. | | | | назорат ва амниятро таъмин хоҳанд кард. |
| 17. | Мунтазам гузаронидани пурсиш оид ба равандҳои вуруд ва хуруҷ дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе ва дигар фурудгоҳҳои | Муайян ва бартараф намудани монеаҳои рӯзмарра ҷиҳати бехтар намудани равандҳои вуруд ва хуруҷи мусофирон, аз ҷумла туристон. | Соли 2014 ва мунтазам то соли 2020 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, ҶСК | Гузаронидани пурсишҳои доимӣ яке аз роҳҳои муҳими муайян намудани талаботи муштариён буда, барои |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | байналмилалии ҷумҳурӣ. | | | “Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе”, дигар фурудгоҳҳои байналмилалии ҷумҳурӣ, бахши хусусӣ, шарикони рушд | беҳтар намудани фаъолияти фурудгоҳҳо мусоидат мекунад. Айни замон, дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе ягона китоби арзу шикоятҳо мавҷуд аст, ки на ҳама вақт аз ҷониби мусофирон истифода бурда мешавад. |
| 18. | Ҷоннок намудани расмиёт ҷиҳати мақоми байналмилалӣ додан ба гузаргоҳи “Қарамиқ”-и миёни марзи Тоҷикистону Қирғизистон дар Комиссияи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон. | Ҷалби бештари туристон ба ҷумҳурӣ ва васеъ намудани гузаргоҳҳои сарҳадӣ. | Солҳои 2014-2015 | Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати нақлиёт, Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати нақлиёт, Хадамоти гумрук, | Мақоми байналмилалӣ надоштани гузаргоҳи сарҳади давлатӣ байни Тоҷикистон ва Қирғизистон дар қисмати Ҷиргатол-Қарамиқ ба гардиши туристони минтақа таъсири манфӣ расонида истодааст. Гузаргоҳи мазкур мақоми байнидавлатӣ дошта, ба шумораи зиёди туристони ҳавасманд имкон намедиҳад, ки ба Тоҷикистон ворид шаванд ё аз Тоҷикистон ба Қирғизистон сафар кунанд. Ба гузаргоҳи “Қарамиқ” додани мақоми байналмилалӣ барои зиёд шудани рафтуои туристон тавассути ин хатсайри муҳими Шоҳроҳи |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Бузурги Абрешим мусоидат хоҳад кард. |
| 19. | а) Ба таври доимӣ таъмин намудани вазъи хуби санитарию эпидемиологӣ ва экологӣ дар инфрасохтори минтақаҳои туристӣ (меҳмонхона, тарабхона, охшона, ташнобхона ва ғайра).<br>б) Дар пайрави шоҳроҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявӣ бо истифода аз имконоти бахши хусусӣ ташкил намудани маҷмӯи хизматрасонӣ, бо назардошти ташнобхонаҳои муосир барои бозистии муваққатии мусофирон ва туристон.<br>в) Дар тамоми шоҳроҳҳои кишвар ва хатсайрҳои туристӣ насб намудани аломатҳои ишоравии роҳнамо бо забони давлатӣ ва англисӣ (номи мавзеъҳои аҳолинишин, нуқтаи пешомади бозист, меҳмонхона, нуқтаи таъмири мошин, нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ ва ғ.). | Таъмини мунтазами вазъи мусоиди санитарию экологӣ дар мавзеъҳо ва манотиқи туристӣ.<br>Таъмини шароити зарурӣ барои туристон дар шоҳроҳҳои ҷумҳурӣ ва мавзеъҳои туристӣ.<br>Роҳнамоӣ намудани туристони ҷумҳурӣ ба мавзеъҳои туристии кишвар. | Соли 2015 ва мунтазам | Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, бахши хусусӣ, шарикони рушд | Дар баъзе минтақаҳои туристии ҷумҳурӣ вазъи экологии мусоид таъмин карда намешавад. Дарёву кӯлҳо ва мавзеъҳои дигари туристӣ аз ифлосиҳо холӣ нестанд. Дар баъзе ҳолатҳо ба талабот ҷавобгӯ набудани ҳолати санитарию гигиении ошхонаву ҳаммомҳо, дастшӯйгоҳҳо ва дигар инфрасохтори туристӣ табъи туристонро хира мекунад.<br>Дар шоҳроҳҳои ҷумҳурӣ қариб, ки ягон ташнобхона ва ҷойҳои дастшуйӣ мавҷуд нест, ки ин ҳолат ба норoҳатии туристон ва меҳмонони ҷумҳурӣ оварда мерасонад.<br>Тибқи таҳлил ва мушоҳидаҳо маълум карда шуд, ки айни замон дар фурудгоҳҳои байналмилалӣ, гузаргоҳҳои сарҳадӣ, хатсайрҳои туристӣ ва мавзеъҳои саёҳатӣ қариб, ки ягон аломатҳои |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | иршоравӣ вуҷуд надорад. Ин барои пайдо намудани мавзеъҳои зарурӣ ба туристон мушкилӣ эҷод менамояд. |
| Маҳсулоти туристӣ, омор ва чорабиниҳои маркетингиву тарғиботӣ | | | | | |
| 20. | а) Ташкил намудани бренди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари туристӣ дар асоси захираҳои табиӣ, мероси таърихию фарҳангӣ, туризми саргузаштӣ (намудҳои туризми фаъол: саёҳати кӯҳӣ, қаиқронӣ, кӯҳнавардӣ, лижаронӣ ва ғайра), инчунин ҳамчун мавзеи баргузории чорабиниҳо, маросимҳо, конфронсҳо ва рӯйдодҳои байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ.<br>б) Муайян намудани 4 мавзеи туристӣ ва ба талаботи муосир мутобиқ намудани онҳо.<br>в) Ҷоннок намудани сомонаи миллии туристӣ дар шабакаи интернет – www.visittajikistan.tj. Тавассути он тарғиб намудани кулли маҳсулоти туристии ширкатҳои туристии Тоҷикистон. Дар заминаи сомонаи мазкур ташкил намудани шабакаи миллии маркази иттилоотӣ | а) Муаррифӣ намудани сабади маҳсулоти туристии Тоҷикистон ва баланд бардоштани ҷолибияти бахши туризм.<br>б) Муайян намудани мавзеъҳои туристие, ки дар ҷаҳон танҳо хоси кишвари мо мебошанд ва ба талаботи муосир ҷавобгӯ намудани онҳо.<br>в) Дастрас намудани маълумоти саҳеҳ оид ба Тоҷикистон ҳамчун минтақаи туристӣ.<br>г) Ошкор ва бартараф намудани камбудиҳо ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ барои туристон. | Соли 2014 ва мунтазам ҳарсола | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, бахши хусусӣ, шарикони рушд | а) Бренди миллӣ бояд хусусиятҳои хос ва афзалиятҳои маҳсулоти туристии Тоҷикистонро аз дигар давлатҳои ҳамсоя нишон дода тавонад. Тафсилоти бештар оид ба бренд дар ҳуҷҷати таҳлилии “Модели рушди туризм дар Тоҷикистон: таҳлил ва тавсияҳо” оварда шудааст.<br>б) Барои ҷалби сармоягузориҳо ба бахши туристии Тоҷикистон дар марҳалаи кунунӣ бояд якчанд мавзеъҳои саёҳатии нодир, яъне мавзеъҳое, ки дар ҷаҳон танҳо хоси кишвари мо мебошанд, муайян карда шуда, барои ба сатҳи муосири туристӣ расонидани онҳо чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Дар ин самт бояд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | барои туристон. Дар сомона ҷой додани ширкатҳои туристие, ки сатҳи хизматрасониашон ҷавобгӯи талаботи меъёрҳои муосир мебошад.<br>г) Байни туристон мунтазам гузаронидани пурсишҳо оид ба таассуроти онҳо дар бораи сатҳ ва сифати хизматрасонӣ, аз ҷумла аз тарафи ширкатҳои туристии Тоҷикистон. | | | | бахшҳои давлативу хусусӣ бо ҷалби шарикони рушд иқдомоти худро ҳамоҳанг намуда, барои рушди мавзеъҳои туристии интихобшуда заминаҳои зарурии иқтисодӣ ва ҳуқуқиро фароҳам оранд.<br>в) Сомонаи миллии туристӣ тамоми маълумоти бахши туристиро дар Тоҷикистон фаро гирифта, сомонаи расмии туристӣ эътироф карда мешавад. Ин сомона оид ба марҳилаҳои сафари туристон, аз ҷумла азназаргузаронӣ, фармоиш, сафар ба ҷумҳурӣ, будубош, мавзеъҳои туристӣ ва дигар паҳлӯҳои бахши туризм дар Тоҷикистон пурра маълумот медиҳад. Сомонаи миллии туристӣ бояд имкониятро барои ҳамаи ширкатҳои туристии мамлакат, ки ба талаботи зарурии стандартҳои сифат ҷавобгӯ мебошанд, новобаста аз дигар |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | робитаҳо ва мансубияти иҷтимоӣ, кафолат диҳад. Инчунин сомонаи миллии туристӣ бояд пайвандҳо (линкҳо) - ро бо ширкатҳои туристии хориҷӣ, ширкатҳои ҳавопаймоӣ, меҳмонхонаҳо, ширкатҳои дигари туристии Тоҷикистон, сомонаи интернетии Вазорати корҳои хориҷӣ, намояндагиҳои Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ва доираи васеи шабакаҳои иҷтимоӣ таъмин намояд.<br>г) Пурсишҳои доимӣ имкон медиҳанд, ки хизматрасонӣ дар бозори туристӣ мунтазам мукаммал карда шавад. |
| 21. | Ба роҳ мондани фаъолияти маркетингӣ, аз ҷумла тарғиботи онлайн ва муносибатҳои ҷамъиятӣ (PR) атрофи маҳсулоти миллии туристӣ.<br>Ҷойгир намудани истиноди (линк) интернетии сомонаи миллии туристӣ дар сомонаи расмии Вазорати корҳои хориҷӣ ва сомонаҳои сафоратҳо ва намояндагиҳои | Тавассути муносибатҳои ҷамъиятӣ ба даст овардани боварии туристон ба сабади маҳсулоти туристии ҷумҳурӣ. | Соли 2015-2016 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ, бахши хусусӣ, шарикони рушд | Мутобиқи ҳуҷҷати “Модели рушди бахши туризм дар Тоҷикистон: таҳлил ва тавсияҳо” муносибатҳои ҷамъиятӣ (PR) воситаи муҳими тарғибот ба ҳисоб мераванд. Аз рӯи моҳияти худ ин усули ройгон паҳн намудани маълумот дар воситаҳои ахбори омма, хусусан аз |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | кишвар дар хориҷа. | | | | тарафи рузноманигорони сайёҳатчӣ дар маҷаллаҳо, телевизион ва интернет мебошад. Имрӯз ҳамчунин фикру ақидаҳои одамони машҳур дар шабакаҳои иҷтимоӣ аҳамияти калон пайдо намудаанд. Одатан ин усули тамоман ройгон нест, зеро барои ҷалби диққати шахсиятҳои машҳур бояд корҳои муайян анҷом дода шаванд, аммо ин, чун қоида, роҳи хеле арзон ва нисбатан боэътимод назар ба пардохти таблиғот мебошад. |
| 22. | Ташкили стенди миллии кишвар бо иштироки бахшҳои давлатию хусусии соҳаи туризм дар намоишгоҳҳои байналмилалӣ. | Ҷалби таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба маҳсулотҳои туристии кишвар ва густариши робитаҳои мустақил бо шарикони байналмилалӣ барои фиристодани туристони хориҷӣ | Соли 2014 ва ҳамасола | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва туристӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ, Палатаи савдо ва саноат, бахши хусусӣ, шарикони рушд | |
| 23. | Ташкили курсҳои омӯзишӣ ба кормандони ширкатҳои туристӣ ҷиҳати ба роҳ мондани хариду фурӯши маҳсулоти туристӣ тариқи онлайн. | Ба роҳ мондани усулҳои муосири хизматрасонии туристон ва пешниҳоди маҳсулоти гуногуни туристӣ тариқи онлайн. | Соли 2015 ва мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, бахши хусусӣ, шарикони рушд | Мутобиқи ҳуҷҷати “Модели рушди бахши туризм дар Тоҷикистон: таҳлил ва тавсияҳо” ширкатҳои туристӣ бояд сомонаҳои интернетии |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | муосир дошта бошанд, то ки дастрасӣ ва имконияти фармоиш доданро ба туристон таъмин намоянд. Барои ин бояд ба бахши хусусӣ кӯмак карда шавад, ки таҷҳизоти зарурии иттилоотӣ-технологӣ (ИТ) ва иқтидори кадриву техникӣ барои тарғибот ва фурӯши онлайн дошта бошад. Дар сомона бояд пайвандҳо (линкҳо) бо ширкатҳои хориҷӣ ва ватание, ки метавонанд ба зудӣ ва хеле самаранок ҳавасмандиро ба фурӯш мубаддал гардонанд, ташкил карда шаванд. |
| 24. | Таҳия ва тарғиби сабади асосии маҳсулоти туристии Тоҷикистон дар асоси тавсияҳои ҳуҷҷати "Модели рушди бахши туризм дар Тоҷикистон: таҳлил ва тавсияҳо".<br>а) Кӯмак намудан ба ширкатҳои туристӣ ҷиҳати таҳияи бастаҳои маҳсулоти туристӣ ва таблиғоти онҳо.<br>б) Дар даромади кулли шаҳру ноҳияҳои кишвар насб намудани харита-роҳнамои | а) Пешниҳоди сабади маҳсулоти туристии Тоҷикистон ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва ҷалби бештари туристон ба мавзеъҳои туристии ҷумҳурӣ. Устувор намудани рақобатпазирии ширкатҳои туристии ватанӣ ва бозори туристии ҷумҳурӣ.<br>б) Роҳнамоӣ намудани туристони ҷумҳурӣ ба мавзеъҳои туристии кишвар. | Соли 2014 ва мунтазам | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ, Палатаи савдо ва саноат, бахши хусусӣ, шарикони рушд | Дар оғози фаъолияти тарғиботӣ тавсия дода мешавад, ки диққати асосӣ ба ҷалби ҳар чӣ бештари туристон аз Аврупои Ғарбӣ равона карда шавад. Махсусан ба бозорҳое бояд нигаронида шавад, ки ба Тоҷикистон дастрасии осон дошта, даромади нисбатан баланд доранд, ба монанди Германия, мамлакатҳои |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | туристӣ ва банерҳои иттилоотӣ оид ба хатсайр, мавзеъҳои табиию таърихӣ ва иншооти туристӣ. | | | | Созишномаи Бенилюкс, аз ҷумла Фаронса, Швейтсария ва Британияи Кабир.<br>Қадами аввал гузаронидани пурсиши муштариён дар бозори хизматрасониҳои туристӣ барои гирифтани иттилоот оид ба ақидаҳо, нуқтаи назар ва маълумоти гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ нисбати Тоҷикистон ҳамчун мавзеи истироҳат ва мамлакати туристӣ ба шумор меравад. Ин метавонад ба ташаккули фаъолияти ибтидоии тарғиботӣ мусоидат намояд.<br>Мувофиқи ҳуҷҷати таҳлилии “Модели рушди бахши туризм дар Тоҷикистон” бояд ҳамаи марҳилаҳои саёҳати муштариён – азназаргузаронии давлатҳои туристӣ, фармоиши саёҳат ба ширкатҳои туристӣ, сафари туристон барои расидан ба давлати интихобкарда, будубош |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | дар давлат ҳамчун турист, нақл кардан ба оила ва наздикон баъди бозгашт, нигоҳ доштани тамос бо ширкатҳои туристӣ осон ва роҳатбахш бошанд. |
| 25. | а) Таъсиси Ташкилоти ҷамъиятии “Шӯрои миллии рушди саноати туристии Тоҷикистон” ва дар доираи он муттаҳид намудани ташкилотҳои (ассосиатсия ва шӯроҳо) ҷумҳуриявӣ ва минтақавии туристӣ.<br>Инчунин дар заминаи Шӯрои миллӣ ташкил намудани фаъолияти Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба рушди бахши туристӣ дар манотиқи ҷумҳурӣ, бо дарназардошти муайян намудани талабот ба мутахассисони бозори туристӣ.<br>б) Мукаммал намудани менеҷменти туристӣ дар Тоҷикистон тавассути ҳамоҳангсозии мақомоти марказии бахши туристӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.<br>в) Гузаронидани маъракаҳои мунтазам таҳти шиори «Туризм - ин имконияти соҳибкорӣ барои ҳама». | а) Мусоидат ба ҷалби бештари туристон, танзими вуруд ва хуруҷи онҳо ва дар маҷмӯъ мусоидат намудан ба рушди бахши туризм дар минтақаҳо.<br>Таъмини сабади маҳсулоти туристӣ дар маҳалҳо, иттилоот ва бозорҳои фурӯш, машваратдиҳӣ ва ҳимояи манфиатҳои туризм дар мақомоти давлатӣ. Ташкил намудани курсҳои омӯзишӣ дар самтҳои гуногуни бахши туризм. Баланд бардоштани тахассуи касбии мутахассисони соҳа.<br>б) Устувор намудани ҳамкориҳои мақомоти марказӣ ва мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати бартараф намудани нофаҳмиҳо ва мушкилоти рӯзмарраи бахши туризм.<br>в) Васеъ намудани доираҳои соҳибкорӣ дар бахши туризм ва ҷалб намудани диққати кулли аҳолӣ ба рушди туризм дар | Солҳои 2014-2020 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, бахши хусусӣ, шарикони рушд | а) Барои ба танзим даровардани фаъолияти ширкатҳои туристӣ ва мусоидат намудан барои ҷалби туристон ба минтақаҳои ҷумҳурӣ, таъсиси Ташкилоти ҷамъиятии “Шӯрои миллии рушди саноати туристии Тоҷикистон” ва дар доираи он муттаҳид намудани ташкилотҳои (ассоситасия ва шӯроҳо) ҷумҳуриявӣ ва минтақавии туристӣ мувофиқи мақсад аст.<br>Инчунин ҳиссаи ками қувваи кории машғул дар бахши туризм ҳоло ҳам имконият намедиҳад, ки дар ин бахш меҳвари касбии кормандони соҳибтаҷриба барои инкишофи малакаву маҳорат ва ба дигар коргарон мубодила намудани таҷриба ташаккул ёбад. |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Тоҷикистон | | | Ҳарчанд дар як қатор макотиби олии мамлакат шӯъбаҳои туризм ташкил шуда бошанд ҳам, вале сатҳи дониш ва тахассуси касбии мутахассисони бахши туризм дар онҳо нокифоя боқӣ мондааст. Омӯзиши мутахассисон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксар вақт ба талаботи муайяни бахши туризм мувофиқ нест, зеро ин талабот муайян карда нашудааст.<br>б) Таъмин набудани сатҳи мувофиқи менеҷменти давлатӣ ва хусусӣ, инчунин ҳамоҳангсозии дақиқи фаъолияти мақоми марказии бахши туризм бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ яке аз монеаҳои рушди соҳа шуда истодааст. Зеро аксарияти намояндагони маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз тағйироту иловаҳои қонунгузории бахши туризм дер огоҳ мешаванд.<br>в) Бисёр муҳим аст, ки аҳолии мамлакат |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | аҳамияти соҳаро дарк намуда, онро қабул намоянд. Ҳамаи одамон аз деҳқонон то ба коргарони заводу фабрика, кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва сиёсатмадорон дар ҳаёти худ бо туризм машғул мешаванд. Айни замон, дарки аҳамият ва фоида аз рушди бахши туризм дар доираи бахши хусусӣ ва давлатӣ на он қадар қаноатбахш аст. |
| 26. | Ба роҳ мондани механизмҳои муосири омори туризм бо мақсади беҳтар намудани вазъи омори бахши туризм, дуруст ҳисобу китоб намудани вуруд ва хуруҷи туристон ва таъсири он ба рушди туризми мамлакат. | Мукаммал ва устувор намудани омори туризм, бо мақсади банақшагирии чорабиниҳо ҷиҳати рушди бахши туризм ва ҷалби бештари туристон. | Солҳои 2014-2016 | Агентии омор, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, бахши хусусӣ, шарикони рушд | Яке аз инфрасохторҳои муҳими бахши туризм ин омор аст, ки ҳамчун пойгоҳи маълумотдиҳии ин бахш хизмат мекунад. Ҳар қадар, ки шумораи зиёди туристон дар омори бахш дарҷ карда шаванд, ҳамон қадар эҳтимолияти афзоиши шумораи туристон бештар мешавад. |
| 27. | Истифода аз имконоти бахшҳои давлатӣ, хусусӣ ва шарикони рушд дар бунёд ва мустаҳкам намудани марказҳои иттилоотии туристӣ дар минтақаҳои асосии туристӣ. | Таъмини иттилооти саривақтӣ ба туристон дар ҳамаи манотиқи ҷумҳурӣ. | Солҳои 2014-2015 | Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии | Дар ҳудуди ш. Душанбе ва умуман дар саросари мамлакат аломатҳо ва ишораҳо барои туристон, инчунин шабакаи маркази иттилоотӣ вуҷуд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | ҳокимияти давлатӣ, бахши хусусӣ, шарикони рушд, | надоранд. Ин ҳолат махсусан барои ш. Душанбе ташвишовар аст, дар ҳоле ки иттилооти васеи шаҳр метавонад ба туристон дар гирифтани таассуроти бештаре аз ташрифи онҳо ба шаҳр мусоидат намояд. Боз муҳимтар он аст, ки шаҳр метавонад нақши назаррасро ҳамчун равзанаи мамлакат дошта бошад. Муддате, ки турист барои ҷустуҷӯи машғулият ва макони сайругашт сарф менамояд, вақте мебошад, ки сайёҳон аз саёҳати худ одатан ҳаловат намебаранд ва маблағ сарф намекунанд. |
| 28. | Ҳамасола ҷудо намудани маблағҳо аз буҷетҳои маҳаллӣ ва пайваста андешидани чораҳо барои ҳимояи муносиби ёдгориҳои табиӣ ва таърихии ҳудуди шаҳру ноҳияҳо аз таъсири ҳодисаҳои табиӣ ва аҳолӣ. | Ҳимоя ва нигоҳдории муносиби ёдгориҳои табиӣ ва таърихии аз байн рафтаистодаи ҳудуди шаҳру ноҳияҳо. | Соли 2014 ва мунтазам ҳамасола | Вазорати фарҳанг, Вазорати молия, Академияи илмҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ | Тавре аён аст, имрӯз аксари ёдгориҳои табиӣ ва таърихӣ дар ҳолати бад қарор доранд. Аз ин рӯ, андешидани чораҳои зарурӣ ва таъхирнопазир нисбати масъалаи мазкур зарур дониста мешавад. |
| 29. | Андешидани тадбирҳо барои рушди туризми дохилӣ | Рушди туризми дохилӣ, таъмини заминаи мусоид барои | Солҳои 2014-2015 | Кумитаи ҷавонон, | Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | дар тамоми шаҳру ноҳияҳо бо ҷалби коршиносони дохилию хориҷӣ ҷиҳати ташкили на камтар аз 10 хатсайри туристӣ. | инкишофи туризми воридотӣ. | | варзиш ва сайёҳӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, бахши хусусӣ, шарикони рушд, | мутаассифона мақомоти маҳаллӣ барои инкишофи туризми дохилӣ таваҷҷӯҳ намекунанд ва захираю имконоти бойи дохилӣ самаранок истифода намегардад. Рушди ин намуди туризм ба пешрафти иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои кории иловагӣ мусоидат мекунад. |